ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология пешниҳод шудааст

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ. Самти асосии тадқиқоти диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич ба омӯзиши хусусиятҳои паҳншавӣ, ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор равона гардида, ба масъалаҳои мубрами паразитологияи ветеринарӣ алоқаманд мебошад. Мазмун ва натиҷаҳои тадқиқоти анҷомдодашуда ба бандҳои 3.3 - таснифоти паразитҳо ва барангезандаҳои бемориҳои паразитии ҳайвонот ва одам; 3.13 - зуҳуроти клиникӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазионӣ; 3.14 - тадбирҳои умумӣ ва махсус оид ба пешгирӣ ва рафъи бемориҳои инвазионӣ, инчунин низоми пешгирии зоонозҳо ва антропозоонозҳои паразитӣ; 3.15 - таҳияи воситаҳо ва усулҳои дезинвазия, дезинсексия ва дезакаризатсия мувофиқат менамояд. Бо дарназардошти самти тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, инчунин натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастомада, диссертатсияи мазкур ба талаботи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла байторӣ, аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мутобиқат мекунад.

2. Мубрамии мавзуи тадқиқот. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои соҳаи муҳими чорводорӣ буда, рушди он дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ва баланд бардоштани иқтидори кишоварзии кишвар нақши муҳим дорад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, аз ҷумла гӯшт ва шир, ба саршумор, ҳолати физиологӣ ва сатҳи маҳсулнокии ҳайвонот вобастагии мустақим дорад. Дар ин самт бемориҳои паразитӣ, аз ҷумла пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор (тейлериоз, пироплазмоз ва бабезиоз), ҳамчун яке аз омилҳои муҳими коҳишёбии маҳсулнокӣ ба ҳисоб мераванд. Ҷараёни бемориҳо метавонад боиси заифшавӣ ва ақибмонии рушди ҳайвоноти ҷавон, талафоти чорво, забҳи маҷбурӣ, паст шудани маҳсулнокӣ ва афзоиши хароҷоти табобату пешгирӣ гардида, ба хоҷагиҳои чорводорӣ зарари иқтисодӣ расонад.

Пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, паҳншавӣ ва шиддати онҳо дар шароити табиӣ-иқлимии минтақаҳои гуногун якхел нест. Дар солҳои қаблӣ барои табобати ин бемориҳо як қатор маводи зиддипротозойӣ ва зиддимикробӣ, аз ҷумла диамидин, имизол, бупарвакон, буталекс, хинин дигидрохлорид, фортикарб, верибен, имидосан ва окситетрасиклин-200 истифода гардида, самаранокии табобатии онҳо омӯхта шудааст. Истифодаи дурусти маводи зиддипротозойӣ дар якҷоягӣ бо чораҳои пешгирикунанда метавонад барои паст намудани талафоти вобаста ба бемориҳо ва нигоҳ доштани маҳсулнокии чорво мусоидат намояд.

Дар ин замина, муаллиф тавассути гузаронидани тадқиқоти саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ хусусиятҳои эпизоотологии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдорро омӯхта, омилҳои асосии паҳншавии онҳо ва нақши интиқолдиҳандагонро муайян намудааст. Натиҷаҳои бадастомада зарурати сари вақт гузаронидани чораҳои табобатию пешгирикунанда ва интихоби асосноки маводи зиддипротозойиро нишон медиҳанд. Аз ин лиҳоз, тадқиқоти анҷомдодашуда ба яке аз масъалаҳои муҳими паразитологияи байторӣ равона гардида, натиҷаҳои он барои ҳифзи солимии чорво, пешгирии талафоти иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии соҳаи чорводории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим доранд.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Баъд аз чандин даҳсолаҳо дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ фауна ва паҳншавии пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун ба таври муфассал таҳти омӯзиш қарор гирифтанд; дараҷаи сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо вобаста ба синну сол ва зоти чорво, инчунин моно- ва инвазияи омехтаи ин паразитҳо ошкор карда шуд.

Бори аввал ба таври расмӣ самаранокии ваксинаи заифкардашудаи истеҳсоли ширкати дорусозии «Дорса Парс Тус»-и Эрон, ки аз штамми S_{15}-и *Theileria annulata* таркиб ёфтааст, дар шароити эксперименталӣ бо риояи талаботҳои меъёрӣ муайян карда шуд, ки он 100%-ро ташкил менамояд.

Самаранокии якчанд маводи зиддипротзойии муосир дар ҷанбаи муқоисавӣ ҳангоми сироятёбии алоҳида ва омехтаи пироплазмидаҳо ба таври расмӣ муайян карда шуда, нақшаи такмилёфтаи пешгирӣ,

муолиҷа ва системаи тадбирҳои пешгирию мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор таҳия карда шуд.

Фаунаи муосири канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ муфассал омӯхта шуда, инчунин самаранокии якчанд маводи инсектоакарисидии муосир ҳангоми каназании чорво муайян карда шуд.

Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд инҳо мебошанд:

- намудҳо ва дараҷаи паҳншавии пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун вобаста ба синну сол ва зот, инчунин моно- ва инвазияҳои омехтаи онҳо омӯхта шуд;
- фаунаи канаҳои иксодӣ - интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шуд;
- усулҳои табобат, пешгирӣ ва мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор тарҳрезӣ шуд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда. Асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо ҳаҷми кофии маводи тадқиқотӣ, гузаронидани тадқиқоти саҳроӣ ва таҷрибавӣ, истифодаи усулҳои мувофиқи ташхисӣ ва коркарди омории маълумот таъмин гардидааст. Натиҷаҳои тадқиқот дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маводи ҷамъовардашуда ва муқоисаи нишондиҳандаҳои бадастомада асоснок карда шудаанд. Инчунин, натиҷаҳои асосии тадқиқот дар мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикос ёфтаанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии диссертатсия аз натиҷаҳои воқеии тадқиқот бармеоянд ва бо маълумоти таҷрибавии бадастомада асоснок мебошанд.

5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 154 саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, баррасии адабиёт, тавсифи шароити табиӣ-иқлимии минтақаи тадқиқот, мавод ва усулҳои тадқиқот, 13 зерфасли тадқиқоти муаллиф, муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар рӯйхати адабиёт 273 сарчашмаи илмӣ, аз ҷумла 62 манбаи хориҷӣ, истифода шудааст. Матни диссертатсия бо 11 ҷадвал ва 3 расм ороиш дода шуда, маводи пешниҳодшуда ба мавзуъ ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқат менамоянд. Дар замимаҳо ҳуҷҷатҳо ва маводи иловагӣ оварда шудаанд, ки

натиҷаҳои тадқиқот ва имконияти татбиқи амалии онҳоро тасдиқ менамоянд.

Дар боби 1 - «Шарҳи адабиёт» маълумоти муфассал оид ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, аҳаммияти эпизоотологии онҳо, намудҳои асосии барангезандагон ва канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳандагони ин бемориҳо пешниҳод гардидааст. Муаллиф масъалаҳои вобаста ба хусусиятҳои эпизоотологӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳо, инчунин чораҳои мубориза бар зидди канаҳои иксодиро таҳлил намудааст. Дар баробари ин, вазъи паҳншавии пироплазмидозҳо дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳо, таъсири омилҳои табиӣ-иқлимӣ ва мавсимияти фаъолияти канаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муаллиф ба сарчашмаҳои аслӣ ва муосир такя намуда, зарурати омӯзиши минбаъдаи вазъи эпизоотӣ ва такмили усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳоро асоснок намудааст.

Дар боби 2 - «Мавод ва усулҳои тадқиқот» тартиби гузаронидани тадқиқоти саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, аз ҷумла муоинаи клиникии чорво, ҷамъоварии маводи биологӣ, муайян намудани намуд ва паҳншавии канаҳои иксодӣ, ташхиси микроскопии молишакҳои хун бо усули Романовский–Гимза, тағйироти амрозии баъдимаргӣ, инчунин арзёбии самаранокии ваксина ва маводи зиддипротозойӣ тавсиф гардидааст. Барои таҳлили натиҷаҳои бадастомада усулҳои дахлдори коркарди оморӣ истифода шудаанд. Маҷмӯи усулҳои интихобшуда барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва ба даст овардани натиҷаҳои боэътимоди илмӣ имконият фароҳам овардааст.

Дар боби 3 натиҷаҳои тадқиқоти хусусии муаллиф оид ба вазъи эпизоотии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Дар ин қисмат дараҷаи сироятёбии чорво бо *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica*, инчунин вобастагии паҳншавии бемориҳо аз минтақаҳо ҷуғрофӣ, синну сол, зот ва мавсим таҳлил гардидааст. Шаклҳои сироятёбии омехта низ муайян карда шудаанд.

Ҳамзамон, намудҳо ва паҳншавии канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳандагони пироплазмидозҳо омӯхта шуда, самаранокии ваксинаи зидди тейлериоз аз штамми S_{15}, маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакаритсидҳо арзёбӣ гардидааст. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки паҳншавии пироплазмидозҳо бо омилҳои экологӣ, динамикаи мавсими канаҳо ва ғайра алоқаманд мебошад. Дар ин замина,

истифодаи маҷмӯи чораҳои пешгирикунанда, аз ҷумла эмгузаронӣ, табобати саривақтӣ ва назорати интиқолдиҳандагон, ҳамчун яке аз самтҳои муҳими мубориза бо пироплазмидозҳо баррасӣ шудааст.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:

Аҳаммияти илмӣ. Натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти муҳими илмӣ дошта, барои васеъ намудани маълумоти мавҷуда оид ба эпизоотологияи пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меоранд. Дар рафти тадқиқот сатҳи паҳншавии *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica*, дар минтақаҳои гуногун ва нақши канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони онҳо муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, самаранокии ваксинаи зидди тейлериоз аз штамми S_{15}, як қатор маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакаритсидҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси натиҷаҳои бадастомада равишҳои мувофиқ барои пешгирӣ ва мубориза бо пироплазмидозҳо пешниҳод шудаанд.

Аҳаммияти амалӣ. Аҳаммияти амалии тадқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада барои такмили ташхис, пешгирӣ ва мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор ифода меёбад. Дар рафти тадқиқот самаранокии ваксинаи зидди тейлериоз аз штамми S_{15}, инчунин таъсири маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакаритсидҳо муайян гардида, вобаста ба натиҷаҳои бадастомада усулҳои мувофиқи табобат ва чораҳои пешгирикунанда пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд дар фаъолияти соҳаи байторӣ, муассисаҳои ташхисӣ ва хоҷагиҳои чорводорӣ барои такмили назорати эпизоотологӣ, сари вақт ошкор ва пешгирии пироплазмидозҳо, инчунин кам намудани зарари иқтисодӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодӣ. Натиҷаҳои тадқиқот аз ҷиҳати иқтисодӣ низ аҳаммияти муҳим дошта, татбиқи саривақтии чораҳои ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунанда метавонад ба коҳиш додани талафоти чорво ва нигоҳ доштани сатҳи маҳсулнокии он мусоидат намояд. Истифодаи асоснок ва мақсадноки маводи зиддипротозойӣ, ваксинаҳо ва инсектоакаритсидҳо барои пешгирии паҳншавии пироплазмидозҳо, кам намудани хароҷоти табобатӣ ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор шароити мусоид фароҳам меорад. Дар маҷмӯъ, татбиқи натиҷаҳои тадқиқот метавонад ба баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои байторӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иқтисодии хоҷагиҳои чорводорӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоӣ. Тадқиқоти мазкур аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ аҳаммияти муҳим дошта, натиҷаҳои он метавонанд барои беҳтар намудани ҳифзи солимии чорво, коҳиш додани талафоти он аз пироплазмидозҳо ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ истифода шаванд. Такмили низоми пешгирии пироплазмидозҳо ва сари вақт гузаронидани чораҳои ташхисӣ ва табобатӣ ба беҳтар гардидани вазъи байторию беҳдоштӣ, нигоҳ доштани саршумори чорво ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти босифат ва бехатари чорво мусоидат менамояд.

7. Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки 3-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Нашри натиҷаҳои тадқиқот дар маҷаллаҳои илмӣ аз инъикоси маводи асосии диссертатсия ва пешниҳоди натиҷаҳои бадастомада барои баррасии ҷомеаи илмӣ шаҳодат медиҳад. Мақолаҳои нашршуда ҷанбаҳои муҳимтарини тадқиқотро фаро гирифта, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомадаро нишон медиҳанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ. Мазмун ва самти асосии тадқиқоти диссертатсионӣ ба як қатор самтҳои шаҳодатномаи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқат менамояд. Аз ҷумла, натиҷаҳои бадастомада ба банди 3.3 - таснифоти муфтхӯрон ва омӯзиши барангезандагони бемориҳои паразитии ҳайвонот ва инсон; банди 3.13 - омӯзиши зуҳуроти клиникӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазионӣ; банди 3.14 - таҳияи тадбирҳои умумӣ ва махсуси пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои инвазионӣ, инчунин низоми пешгирии зоонозҳо ва антропозоонозҳои паразитӣ; банди 3.15 - таҳияи воситаҳо ва усулҳои дезинвазия, дезинсексия ва дезакаризатсия мувофиқат доранд.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда аз нигоҳи мазмун ва самти тадқиқот кори илмии мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар онҳо натиҷаҳои назаррас оид ба омӯзиши пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидаанд. Тадқиқот бо фарогирии масъалаҳои эпизоотология, ташхис, табобат ва пешгирӣ ба ҳалли масъалаи муҳими паразитологияи байторӣ равона шуда, бо пайдарҳамии мантиқӣ ва риояи талаботи методологии тадқиқоти илмӣ иҷро гардидааст.

Мазмун ва сохтори автореферат ба диссертатсия мувофиқат дошта, натиҷаҳои асосии тадқиқот дар он ба таври мухтасар ва пайдарпай инъикос ёфтаанд. Маълумоти таҷрибавӣ тавассути ҷадвалҳо ва маводи ороишӣ пешниҳод гардида, хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ аз натиҷаҳои тадқиқот мантиқан бармеоянд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои тадқиқот дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, барои такмили донишҳо оид ба эпизоотология, ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор аҳаммияти муайян доранд. Эроду пешниҳодҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва амалии кори диссертатсионӣ, инчунин ба асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар баробари натиҷаҳои назарраси илмӣ ва аҳаммияти амалии тадқиқоти анҷомдодашуда, ҳангоми шиносоӣ бо мазмун ва натиҷаҳои диссертатсия як қатор масъалаҳое ба миён меоянд, ки ба назари мо, барои такмили минбаъдаи кор метавонанд мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор гиранд:

1. Оё муаллиф самаранокии иқтисодии истифодаи ваксинаи зидди тейлериозро дар муқоиса бо муолиҷаи чорвои бемор арзёбӣ намудааст? Зеро арзиши нисбатан баланди ваксина метавонад ба хароҷоти умумии пешгирӣ ва табобати беморӣ таъсир расонад;

2. Оё тағйирёбии иқлим ва баландшавии ҳарорати миёнаи ҳаво ба фауна, паҳншавӣ, зичии популятсия ва фаъолияти мавсимии канаҳои иксодӣ дар минтақаҳои тадқиқшуда таъсир расонидааст?

3. Муаллиф ҳангоми таҳлили вазъи эпизоотӣ тағйироти паҳншавии пироплазмидозҳо ва канаҳои иксодиро дар муқоиса бо маълумоти 10–50 соли қабл таҳлил намуда, тамоюли тағйирёбии ареал ва сатҳи паҳншавии онҳоро муайян кардааст?

Қайд кардан зарур аст, ки эроду пешниҳодҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва барои такмили минбаъдаи баъзе ҷанбаҳои кор равона шудаанд.

ХУЛОСА

Рисолаи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистон Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақилона анҷомдодашуда буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим мебошад. Муаллиф дар ҷараёни тадқиқот маводи зарурии илмиро

ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, бо истифода аз усулҳои муосири ташхисӣ ва коркарди омории натиҷаҳо хусусиятҳои паҳншавӣ, ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдорро муайян намудааст. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили чораҳои зиддиэпизоотӣ, баланд бардоштани самаранокии ташхису табобат ва пешгирии талафоти иқтисодии вобаста ба бемориҳои мазкур аҳаммияти амалӣ доранд.

Бо дарназардошти мазмун, натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмӣ-амалии тадқиқот, диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Директори Маркази таҳсилоти
баъдидипломии Муассисаи таълимии
ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии
Тоҷикистон”, доктори илмҳои тиб Каримов С.С.
23 сентябри соли 2026

Суроға: 734000, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кучаи Севастопольский хонаи 8, ҳуҷраи 22.
Телефон: 992918613215
E-mail: saif64@mail.ru

Имзои Каримов С.С. –ро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо Икромова С.Ш.

Суроғаи муассиса: 734042, ҶТ, ш. Душанбе,
Кучаи Клара Сеткина 2.
Телефон: (+992) 003338398
E-mail: dtit082020@gmail.com
23 сентябри соли 2026